## Рисолаи пурарзиш

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба истиқболи ҷашни 25-солагии Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рисолаи доктори илмҳои таърих, профессор, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрамӣ Зикриё Иномзодро таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих» интишор намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки муаллиф дар рисолаи мазкур заминаҳои ташаккулёбии давлатдории муосири тоҷиконро мавриди таҳлил ва паҳлӯҳои гуногуни Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо диди нав мавриди пажуҳиш қарор додааст. Махсусан аз назари мантиқи таърихӣ ҷойгоҳ ва ё мақоми иҷлосияи мазкурро хеле возеҳу равшан нишон додааст.

Рисола ба оммаи васеи хонандагон пешбинӣ шуда, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо теъдоди зиёд аз чоп баромадаас т.

**Ёраҳматзода Шодиҷон Рамазон**

